# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Раванди ҷаҳонишавӣ, ки ба ҳама соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ таъсири худро мерасонад, ҳаёти маънавӣ низ аз он истисно намебошад. Аз ҷумла, ахлоқ ва маънавиёт, ки бо таъсирпазирӣ аз падидаҳои нави "фарҳангӣ" метавонанд халалдор гардида, ҳувият ва қудсияти худро коста намоянд. Аз ҷониби дигар, пешрафти илмию техникӣ ва технологӣ низ ба фарҳангу маънавиёти миллӣ таъсир расонида, зери таъсири онҳо ахлоқи инсонӣ ба бухронҳои мухталиф мувоҷеҳ мегардад. Дар чунин шароит рӯ овардан ба таълимоти мутафаккирони гузаштаи миллат аз аҳаммият холӣ нест.

Таҳқиқи назарияҳои арзишманди мутафаккирони гузашта ва мушаххас намудани арзишу аҳамияти таълимоти онҳо барои замони муосир дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, метавонад дар камолоти маънавии насли имрӯз саҳми назаррас гузорад. Таъкиди диссертант дар мавриди он, ки «барои бартараф сохтани ин бухрони маънавӣ омӯзиши амиқи арзишҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони гузашта ва истифодаи амалии онҳо тақозо карда мешавад. Ин амал дар замони муосир танҳо дар он сурате самаранок буда метавонад, ки агар консепсияҳои гуногуни ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифта, сифатҳои ахлоқи ҳамида ҷиҳати ислоҳи нуқсонҳои тарбиявӣ ва самаранокии онҳо барои инсони муосир аз нигоҳи илмӣ асоснок ва арзишҳои ахлоқии мусбат дар амалия татбиқ ёбанд. Яке аз чунин сарчашмаҳои асримиёнагӣ барои мардуми кишвари мо андешаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ, умуман ва махсусан, таълимоти ахлоқии яке аз намояндагони он – Муҳаммад Ғазолӣ мебошад, ки дар тули асрҳо аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии худро гум

накардааст», гувоҳ аз исботи муҳиммияти мавзуи диссертатсионӣ аст. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки масоили марбут ба фазилатҳои ахлоқии инсон аз ҳарвақта дида, имрӯз ба омӯзишу таҳлил, таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои манфию мусбат ниёзи бештар доранд, зеро таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла маънавиёт зиёдтар эҳсос мегардад.

Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.04.2019 таҳти №164-05 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи онтология ва назарияи маърифат қабул гардида, аз 26.04.2024 таҳти №136-05 ба кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ гузаронида шудааст. Айни замон дар вазифаи сардори маркази тестии Донишкадаи исмломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам фаъолият дошта, ҳамзамон бо кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ ҳамкорӣ дорад.

Диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н. аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.
Муаллиф тавонистааст, дар доираи талаботи муқараргардида ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқро муайян, ҳадаф ва вазифаҳоро мушаххас ва ҳамоҳангии мантиқии онҳоро таъмин намояд. Ҳамин аст, ки объект ва предмет ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, аз иҷрои вазифаҳои гузошташуда муаллиф ба мақсади муайяннамудаи худ ноил гардидааст. Ҳамзамон, навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои бадастомада, тавъам мебошанд. Дар иртибот ба андешаҳои баёнгардида, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Қисмати асосии диссертатсияро таҳлили таълимоти ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ оид ба фазилати инсон ташкил менамояд. Кори диссертатсионӣ аз ду боб ва шаш фасл иборат буда, масъалагузориҳо дар ҳама бобҳои он робитаи бевосита ба мавзуъ ва ба ҳамдигар мантиқан пайваст мебошанд.

Дар боби якум "Таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳои ӯ" мавриди баррасӣ қарор дода шуда, диссертант дар се зербоб: "Тавсифи мухтасари асарҳои ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумуиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ", "Таснифоти илмҳои Муҳаммад Ғазолӣ ва ҷойгоҳи илми ахлоқ дар он", "Табақабандии фазилатҳо дар таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ" онро таҳлил ва натиҷагирӣ кардааст.

Дар боби дуюм "Фазилати инсон дар таълимоти ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ" таҳқиқ шудааст. Унвонҷӯ боби мазкурро низ ба се параграф: "Фазилатҳои ахлоқӣ-ирфонӣ дар самти камолоти маънавии инсон", "Фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда" ва "Фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ" тақсим намуда, бо истифода аз усулҳои умумифалсафию умумимантиқӣ ба мақсади гузоштаи худ ноил гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидааст. Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербоҳои диссертатсия тааллуқ дошта, такрори айнии хулосаҳои зербобҳо набуда, дар маҷмуъ натиҷаи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодшаванда кори илмии анҷомёфта буда, сохтор ва мазмуни он гувоҳ аз салиқаи баланди муаллиф мебошанд. Масъалагузориҳо ва ҳалли мантиқии онҳо дар раванди таҳқиқот шоҳиди мустақилияти андешаи диссертант мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти моли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, профессори**
**кафедраи диншиносии ДМТ** **Зиёев И.Ғ.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, м. Буниисорак
(шаҳраки Донишҷӯён).
Тел: +992 909-91-00-04,
E-mail: idibekziyoev@mail.ru

Имзои И. Зиёевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17,

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

02.11.2024